“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

__________академик Имомзода М.С.

“20” __12__ 2019

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи муштараки шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотӣ, кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)» дар шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ унвонҷӯ Иноятова Зебинисо Подабоновна дар шӯъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба сифати унвонҷӯ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Роҳбари илмӣ – Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, доктори илмҳои филология, профессор, академики АУ ҶТ.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Диссертатсия дар асоси талаботи кори илмӣ навишта шудааст. Бартарии кори мазкур дар масъалагузории далелнок ифода ёфтааст. Дар диссертатсия мавқеи ноқил дар осори публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар солҳои охир паҳлуҳои гуногуни насри воқеъгароёна мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Масъалаи воқеият ва бадеият дар насри публитсистӣ, хусусан дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев, мавқеи махсус дошта, омӯзишу баррасии он чандин ҷабҳаро фаро мегирад. Яке аз масъалаҳои нисбатан камтаҳқиқшуда нақши ноқил дар публитсистикаи адиб мебошад. Ҳангоми баррасии мавзӯъ диссертант бештар ба масъалаҳои воқеият ва бадеият, таносуби онҳо дар осори

публитсистӣ, нақши тасаввур, тасвир ва инъикос, симои нависанда чун иштирокчии бевоситаи воқеаҳо диққат додааст.

Аҳамияти омӯзиши осори публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев дар он аст, ки публитсистикаи ӯ бозгӯи ҳаёти воқеӣ буда, дар он ақидаҳои худшиносӣ, гуманитарию фалсафии нависанда инъикос ёфтаанд ва ин ҷузъиёт бештар дар вобастагӣ ба фаъол будани образи ноқил дар чанд самт ба назар мерасад. Сабку услуб, забону баёни сода, шеваи махсуси гуфтор, воқеияти комил дар заминаи авзои рӯз, қобилияти мушоҳида, корбасти судманду таъсирбахши таъбиру панду андарзҳо, хулосаву ҳукм, шарҳу тавзеҳ, ҷуръату ҷасорати эҷодӣ ва даҳҳо унсури дигар дар эҷоди ин адиб тавре корбаст мешаванд, ки намунаи ҳаммонанди онро дарёфтан душвор аст. Ф. Муҳаммадиев аз мактаби насри устод С. Айнӣ баҳраи фаровон бурдааст ва ҳамин аст, ки воқеият дар заминаи нақли публитсистӣ дар эҷоди ӯ мақоми густурда дорад.

Ҳадаф аз таҳқиқи рисола баррасии амиқу муфассали нақши ноқил дар осори Ф. Муҳаммадиев ва ба ин восита баррасии тафовут ва монандиҳои осори адабӣ ва публитсистии нависанда мебошад.

Дар заминаи пажуҳиш ва ҷустуҷӯҳои илмӣ вазифаҳои зерин иҷро гардидаанд:

- таносуби воқеияту бадеият дар публитсистикаи бадеӣ, нақши ноқил дар насри публитсистӣ муайян карда шудааст;

- таасуроти нависанда аз воқеияти аслӣ ва тарзи тасвири он дар асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ таҳқиқ гардидааст;

- нақши тасаввур, тасвир ва инъикоси воқеият дар асарҳои мустанади адиб нишон дода шудааст;

- дидгоҳ ва мавқеи муаллиф-ноқили воқеаҳо ба норасоиҳои ҷомеа ошкор карда шудааст;

- ҳамчунин ба муаллиф чун шахси мушоҳидакор, иштирокчии воқеаҳо дар насри мустанад, андешапарвар дар осори бадеӣ баҳогузорӣ шудааст;

- маҳорати муаллиф дар истифодаи жанрҳои ҳаҷвию танқидии публитсистика барои инъикоси воқеият таҳлил гардидааст;

- симои муаллиф дар асарҳои ҳуҷҷатии мактуб, мақола, лавҳа нишон дода шудааст;

- дахолати нависанда ба воқеаҳои тасвиршаванда ва мулоҳизаҳои шахсии ноқил нисбат ба ҷомеаи инсонӣ таҳқиқ гардидааст.

Навгонии илмӣ ва таҳқиқотии диссертатсия бо он собит мешавад, ки дар бораи осори нависанда таҳқиқоти зиёди адабиётшиносӣ сурат гирифта бошад ҳам, аммо масъалаи ноқил дар публитсистикаи Ф. Муҳаммадиев пажӯҳиш нашудааст. Навгонии таҳқиқ пеш аз ҳама, аз интихоби мавзӯъ ва гузориши масъала бармеояд. Бори нахуст симои ноқил дар осори публитсистии Нависандаи халқии Тоҷикистон Ф. Муҳаммадиев дар шакли монографӣ ба таҳқиқ омада, нақши муаллиф дар ифодаи мундариҷаи ғоявии публитсистикаи нависанда муайян карда шудааст.

Аз ин сабаб натиҷаи таҳқиқ, хулосаҳои илмӣ, тавсияву пешниҳодҳо, ки дар рисола доир ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мавриди омӯзиш ҳосил шудааст, на танҳо аҳамияти назарӣ, балки арзиши таърихию тарбиявӣ дошта, барои омӯзиш ва кӯмак ба фаъолияти амалии журналистони оянда аҳамияти хоса дорад. Ҳамзамон маводи рисола метавонад барои боло бурдани касбияти журналистони имрӯза ёрии амалӣ расонад ва барои муҳаққиқони соҳа мавод диҳад. Натиҷаи корро дар курс ва семинарҳои ихтисос дар факултетҳои филология ва журналистикаи мактабҳои олии ҷумҳурӣ, дар таълифи китобҳои дарсӣ ва омӯзиши асосҳои эҷоди журналистӣ истифода бурдан мумкин аст.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2015 - 2019) баён гаштаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар 10 мақолаи муаллиф инъикос гардидааст, ки аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба табъ расидааст.

1. Иноятова З. П. Арзишҳои инсон бо хулқи ҳамида // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2013. – №4/2 (109). - С. 184-187.

2. Иноятова З. П. Саршори зиндагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2013. – №4/5 (119). - С. 160-163.

3. Иноятова З. П. Муаммои тасвир ва тасаввур дар ҳикояҳои Ф.Муҳаммадиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. – №4/1 (195). - С. 233-236.

4. Иноятова З. П. Набардгоҳи зиндагӣ дар як асар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. – №4/4. - С. 231-234.
5. Иноятова З. П. Қиссаҳои “Зайнаббибӣ” ва “Писари газета” дар мизони муқоиса // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. – №4/5. - С. 225-227.
6. Иноятова З. П. Чанд шинохти ноқил ва муаллиф// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – №2 - С. 275-280
7. Иноятова З. П. Нақши ноқил дар анвои наср // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – №3 - С. 229-234

Диссертатсияи «Мавқеи муаллиф -ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10-журналистика тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки шуъбаи илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Институти илмию таҳқиқотӣ, кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2019 суратмаҷлиси № 9 қабул гардидааст. Дар ҷаласа 24 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 24 нафар, “зид” ва “бетараф” нест.

Раиси ҷаласа,
Директори Институти илмию таҳқиқотии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Саидов Н. Б.

Котиб, мудири кафедраи телевизион
ва радиошунавонӣ, дотсент Гулов С. Н.

“Тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj
тел: (+992)2217811